# GUID- 5259

## Низоми иттиллоотии қарзи давлатӣ

Стандартҳои INTOSAI аз ҷониби Созмони байналмилалии мақомоти олии аудит (INTOSAI) дар доираи низоми ҳуҷҷатҳои касбии INTOSAI нашр мешаванд. Ҷиҳати дарёфти иттилооти иловагӣ аз веб-сомонаи www.issai.org боздид намоед.

Ҳуҷҷати то IFPP – ҳуҷҷати мазкур до таъсиси Низоми касбии изҳоротӣ (IFPP) INTOSAI дар соли 2016 таҳия гардидааст. Барои ҳамин нисбатан аз дигар ҳуҷҷатҳои минбаъдаи Дастур оид ба аудтити INTOSAI ба таври расмӣ тафовут дорад.

INTOSAI, 2019

1) Ҳамчун ISSAI 5450 тасдиқ шудааст – Дастур оид ба аудити низоми иттиллоотии идоракунандаи қарзҳои давлатӣ дар соли 2016.
2) Бо таъсиси Низоми касбии изҳоротӣ Intosai (IFPP), аз нав номгузорӣ шудааст ба унвони GUID 5259 – Низоми иттиллоотӣ оид ба қарзҳои давлатӣ бо таҳриру тағиротҳо дар соли 2019.

**МУНДАРИҶА**


МУҚАДДИМА 5

РӮЙХАТИ ИБОРАҲОИ ИХТИСОРӢ 7

САРСУХАН 8

1. БАНАҚШАГИРӢ 9

2. ИДОРАКУНИИ УМУМӢ 13

Назорати ташкилӣ 13

Назорат ба дастрасии ҷисмонӣ 14

Назорати мантиқии дастрасӣ 14

Назорати экологӣ 14

Идоракунии тағиротҳои барномавӣ 14

Банақшагирии тиҷорати доимӣ ва нақшаи барқарорсозии баъди садамавӣ 15

3. НАЗОРАТИ ТАТБИҚКУНӢ 15

3.1. ҲУҶҶАТГУЗОРИИ СТАНДАРТӢ 16

3.2. РОҲҲОИ ИДОРАКУНӢ 17

Экрани воридкунии маълумот 18

Тартиботи омодасозии маълумот 19

Авторизатсияи воридкунии маълумот 19

Нигаҳдории ҳуҷҷатҳои воридотӣ 19

Назорати саҳеҳияти воридкунии маълумот 19

Иштибоҳкунӣ дар воридкунии маълумот 21

Механизмҳои дастгирии воридкунии маълумот 21

3.3 КОРКАРДИ ИДОРАКУНӢ 22

Мукаммалӣ 22

3.4 ИДОРАКУНИИ БЕРУНШАВӢ 23

3.5 ТЕСТИГУЗАРОНИИ ЗАМИМАҲО 25

3.6 ҲИСОБОТДИҲӢ ТИБҚИ НАТИҶАҲОИ АУДИТ 26

**ЗАМИМАИ I: ҶАДВАЛИ БАНАҚШАГИРӢ 27**

**ЗАМИМАИ II: МАТРИТСАИ ТЕСТӢ БАҲРИ НАЗОАТИ УМУМӢ 32**

**ЗАМИМАИ III: МАТРИТСАИ ТЕСТӢ БАҲРИ НАЗОРАТИ ЗАМИМА 38**

**РАСМИ 1: АУДИТИ ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ СОХТОРИ ОЛИИ АУДИТ; МИСОЛ БРАЗИЛИЯ 56**

**РАСМИ 2: АУДИТИ ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ СОХТОРИ ОЛИИ АУДИТ: МИСОЛ МОЛДАВИЯ 61**

**ФЕҲРЕСТИ КИТОБҲО 63**

**САРСУХАН**

1). Қарзи давлатӣ дар маркази дилхоҳ мубоҳисаи идоракунии давлатии молиявӣ баррасӣ мешавад. Бо талоши оне, ки иқтисодиёти хеш ва хидматгузориҳои иҷтимоиро дар кишварҳои хеш вусъат бахшем, аксарияти ҳукуматҳо бо талаботҳои зиёди иқтисодӣ бармехӯранд. Аз нигоҳи назария қарзи давлатӣ воситаи самараноки рушди иқтисодӣ маҳсуб ёфта, тақсими андоз миёни насли имрӯз ва наслҳои ояндаи андозсупорандагон ба таври одилонаву адолатпазирона ҷорӣ мегардад. Аммо барои оне, ки тавозуни иқтисодӣ хеле ҷиддан андозагирӣ шавад ва онро бояд қарзи давлатӣ идора кунад.

2). Ҳадафи асосии идоракунии қарз – дарёфти мунтазами маблағгузории устувор бо назардошти хароҷоти ҳадди ақал ва сатҳи оқилонаи хавф барои дастгирии амалиёти давлатӣ ба шумор меравад. Дастуруламалҳои таҷдиди назаршудаи идоракунии қарзи давлатӣ, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) омода гардидаанд, маҷмӯи усулҳои боэътимодеро дар бар мегирад, ки он марбут ба идоракунии қарзи дохилӣ аст. Бино бар ақидае, ки аз байни онҳо таъриф мешавад, ки "фаъолияти идоракунии қарз бояд аз ҷониби низоми ҳаҷман бузурги иттиллоотии дақиқ ва ҳамаҷонибаи идоракунӣ бо назардошти кафолати муносиб бошад, бояд ки дастгирӣ шавад." Кишварҳои манфиатдори идоракунии самараноки қарзи давлатӣ бояд дар навбати аввал ба рушди низоми боэътимоди баҳисобгирӣ, қайдгирӣ ва маълумотдиҳӣ оид ба қарзҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кунанд ва ба ҳисоботдиҳии қарзҳо афзалият диҳанд. Ин на танҳо барои таҳияи маълумоти қарзӣ ва таъмини пардохти саривақтии хидматрасонии қарзӣ зарур аст, балки барои беҳтаршавии сифати ҳисоботи буҷавӣ ва шаффофияти ҳисоботҳои молиявии давлатӣ низ муҳим мебошад ва ба сиёсатмадороне, ки сиёсати давлатиро муайян мекунанд, ҳамчунин ба мақомоти қарзи давлатӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои қарзи давлатро иҷро кунанд».

3). Аудити низоми иттилоотии идоракунии қарзи давлатӣ баҳри таъмини амалӣ ва самарабахшии идоракунии қарзи давлатӣ равона карда шудааст. Аз ин лиҳоз, дилхоҳ чунин аудит бояд ҳамчун аудити самарабахш таснифот карда шавад. Ҳарчанд, ки ин гуна кор дар заминаи аудити молиявӣ аҳамияти муҳим дошта метавонад ва ба муайянокии оне равона шудааст, ки маълумоти молиявие, ба Ҳукумат пешниҳод мешавад, оё дар заминаи санадҳои меъёрӣ ва талаботи тасдиқшудаи ҳисоботи молиявӣ мутобиқат мекунад ва оё маълумотҳо эътимодбахш бошанд ва оё аз корҳои қаллобӣ дур мебошанд, ё ки ба саҳву иштибоҳот роҳ надоданд. Дар ин замина, равиши мазкур дар ҷараёни кор аҳамияти бузург дорад, зеро он метавонад барои таъсиси як низоми иттилоотӣ мусоидат намояд, то ки иттиллоти даққиқ ва эътимодбахшеро оид ба яке унсурҳои нисбатан муҳими маблағгузории давлатӣ ҷамъоварӣ ва истеҳсол намояд.

4). Ин ДАСТУР (GUID) барои аудиторон тавсифи муфассалро оид ба аудити низоми иттиллооти идоракунии қарзҳои давлатӣ пешниҳод мекунад. Азбаски Созмони байналмилалии муассисаҳои олии аудиторӣ (INTOSAI) аллакай дорои як идда ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки марбут ба аудити технологияҳои иттиллоотӣ (ТИ) аст, ки аз ҷониби гурӯҳи корӣ оид ба аудити ТИ

таҳия гаштааст, ин ДАСТУР дар асоси ҷузъиёти идоракунӣ замима шуда, махсусан барои низоми идоракунии қарзи давлатӣ тарҳрезӣ гардидааст.

**РӮЙХАТИ ИБОРАҲОИ ИХТИСОРӢ**

**БМТ**– банақшагирии мунтазами тиҷорат
**УКА** – усулҳои компютерии аудит

**НБИҚКИ -** низоми баҳисобгирӣ ва идоракунии қарзҳои Котиботи Иттиҳод

**УКА** – усулҳои компютерии аудит

**НБИҚКИ -** низоми баҳисобгирӣ ва идоракунии қарзҳои Котиботи Иттиҳод

**НИҚТМ –** низоми идоракунии қарзӣ ва таҳлили молиявӣ

**ДИҚ** - дафтари идоракунии қарз

**НБС -** нақшаи барқароркунии садамавӣ

**НИИМ** – низоми иттилоотии идоракунии молиявӣ

**ХБА** - хазинаи байналмилалии асъор

**СБМОА** – созмони байналмилалии мақомоти олии аудит

**ТИ** - технологияи иттилоотӣ

**НИИҚД** – низоми иттилоотии идоракунии қарзи давлатӣ

**МОА** – мақомоти олии аудит

**НҚҲҲФБ** – низоми қарзии ҳамгироии ҳукумати федералии Бразилия

**КСММТР -** конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба тиҷорат ва рушд

**ГКАТИ -** гуруҳи кории аудити ТИ

**ГКҚД** – Гуруҳи корӣ оид ба қарзи давлатӣ

**МУҚАДДИМА**

Тибқи мушоҳидаҳои ҳисоботӣ, ки аз ҷониби Шӯрои мудирони созмони байналмилалии мақомоти олии аудит тасдиқ шудааст, Гурӯҳи кории қарзи давлатӣ (ГКҚД), ки тибқи супоришҳо бояд принсипҳои роҳбарӣ ва дигар маводи иттилоотеро нашр кунанд, ки аз ҷониби мақомоти олии аудитӣ (МОА) бо мақсади таъмини ҳисоботи зарурии қарзи давлатӣ ва идоракунии оқилонаи қарзҳои давлатӣ бояд мавриди истифода қарор гиранд.

Дастури мазкур барои баланд бардоштани иқтидори Гуруҳи корӣ оид ба қарзи давлатӣ (ГКҚД) тавассути фароҳам овардани сохтори умумӣ мебошад, ки онро метавон дар аудитҳои МОА барои арзёбии назорати иттиллоотии низоми идоракунии қарзи давлатӣ (НИНИҚД) истифода барем. Бо назардошти муҳимияти оне, ки дар истинодҳо (НИНИҚД) як ё якчанд низоми иттиллоотиро дар идоракунии қарзи давлатӣ фаро мегиранд. Тибқи меъёри рушди технологияҳои иттилоотӣ, ташкилотҳои давлатӣ аз ҳама зиёд аз истифодабарии ТИ барои иҷроиши амалиятӣ тиҷоратӣ ва хидматрасонӣ, ҳамчунин барои коркард, хизматрасонии иттиллоотӣ ва пешниҳоди маълумоти муҳим вобастагӣ доранд, истифодаи ТИ барои амалисозии тиҷорати худ, хидматрасонӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва пешниҳоди иттилооти муҳим бештар вобастагӣ дошт. Мувофиқи ҳуҷҷатии кории ХБА, НИИМ – низоми иттилоотии идоракунии молиявӣ одатан ба ҷараёни компютерикунонии идоракунии хароҷоти давлатӣ, аз он ҷумла ташаккулдиҳии буҷа, иҷроиши буҷа, омодакунии ҳисобот ва баҳисоботгирӣ тавассути низоми ҳамаҷонибаи идоракунии молиявии вазоратҳои соҳавӣ ва дигар идораҳову ожонсиҳо тааллуқ дорад."

Стандарти 1471 марбут ба Институти муҳандисони электротехникӣ ва электронӣ, муайянкунандаи низоме аст, ки онро ҳамчун "маҷмӯи ҷузъиёте барои иҷроиши вазифаи муайян ё маҷмӯи супоришҳо" маҳсуб медонанд. Аз ҷумла, фаъолияти асосии низоми қарзии идоравиро дар тартиботи пойгоҳӣ ва нигаҳдошти манбаи маълумот оид ба қарзҳои сохтори давлатӣ бо истифодаи ҳам таъминоти барномавӣ, ки барои бақайдгирӣ ва ҳам барои таҳлили вазифаҳои дафтари идоракунии қарзҳо (ДИҚ) мувофиқ медонанд.

ТИ-аудитро метавон, ки дар муносибат бо усулҳои истифодашудаи афзалиятнок ба таври зерин таснифот мекунанд:

»» Идоракунии IT,

»» Аудити маълумот,

»» Аудити низоми иттилоотӣ,

»» Шартномаҳои IT ва

"" Амнияти иттилоотӣ.

Умуман, як аудитор оид ба ТИ бо маҷӯи равишҳо  кор мекунад; Аммо аудитор метавонад равиши аз ҳад зиёдро интихоб кунад. Дар ин дастур, усули асосӣ аудити низоми иттилоотӣ ба шумор меравад.

Дастури мазкур ба се бахш тақсим шудааст: Банақшагирӣ, арзёбии умуми назорат ва арзёбии

## БАНАҚШАГИРӢ

Низоми назорати иттиллооти қарзи давлатӣ (ННИҚД) метавонад, ки мисли маҷмӯи қисматҳои робитаҳои мутақобиладор (сохторҳои ҷисмонӣ, кормнадон, воистаҳои технологӣ) баррасӣ гардад, ки дар бақайдгирӣ, назорат, арзёбӣ ва идоракунии транзактсия, барои ҷалбшавӣ, дастгирӣ, ҳисобӣ кардан ва рӯёндани қарзи давлатӣ мусоидат менамояд.

Ин гуна марҳила барои аудитор кӯмак мерасонад, ки оид ба низоми амалиётҳо ва воситаҳои назоратии марбут ба хавфҳо ва қайди хатарҳо, ки бевосита ба ҷараёни амалиёти қарзи давлатӣ иртибот дорад,  тасаввуроти даққиқ пайдо кунад. Аз лиҳози ин фаҳмиш, аудитор муҳити умумии назоратро арзёбӣ мекунад, низомеро муайян месозад, ки дар он қарзи давлатӣ истифода шудааст, кулли ҳуҷҷатнигориро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки марбут ба низомҳои мазкур буда, оид ба хатарҳо дар шакли хулосаҳои тахминӣ ва пешакӣ баҳогузорӣ мекунад.

Натиҷаи арзёбӣ ҳаҷми тартиботеро муайян мекунад, ки дар марҳилаи тестгузаронӣ истифода хоҳад шуд.

Мақомоти олии аудит ҳамаи сохторҳоеро, ки шуъбаҳои он, бо қарзи давлатӣ ва вобаста ба мушкилоти қарзи давлатӣ машғуланд, аз ҷумла  кормандон, ҷараён ва тартиботи қарзӣ, намудҳои қарзгирӣ, муомилот, бехатарии маълумотҳо ва воситаҳои технологӣ ва марбут ба онро мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Дар ин марҳила аудитор бояд арзёбии тахминии сохтори идоракунии қарзи давлатӣ ва амалиётҳои вобаста ба қарзи давлатиро истифода мебарад, ки онҳо дар навбати худ фаро мегиранд;

››› Чӣ гуна низоми иттиллоотии идоракунии қарзи давлатиро чӣ гуна таъсис ва ё ташкил намудаанд; чӣ гуна низом барои сабт, коркард, ҳисоботдиҳӣ, муоомилот, назорат ва идоракунии қарзи давлатӣ истифода мешавад ва чӣ гуна ҷараёни асосӣ ва вазифаҳоро истифода бурдан лозим аст, ки онро ҳар як низом иҷро намояд.

››› Ухдадории аудити дохилӣ.

››› Натиҷаҳои аудити қаблӣ (дохилӣ ва берунӣ)  дар низоми иттиллоотии идоракунии қарзии давлатӣ.

››› Нигаҳдошти ҷисмонии ҳуҷҷатҳо оид ба амалиёт.

››› Истифодаи таҷҳизоти компютерӣ ва таъминоти барномавӣ, масъулият барои хидматрасонии техникӣ.

››› Амалиётҳое, ки тариқи низоми иттиллоотӣ бо муҳимияти нисбии онҳо коркард шудаанд.

››› Иртиботи байни бахшҳои иттиллоотии қарзи давлатӣ.

››› Усулҳо ва тартибот барои татбиқи амалиётҳои нав ва баррасии амалиётҳои ҷорӣ.

»» Арзёбии қаблии назорати дохилии дафтари идоракунии қарзҳо (ДИА). Агар назорати дохилии ДИА, қаблан арзёбӣ нашуда бошад, пас ДИА бояд чараёни арзёбиро гузаронад. Ин гуна чараён барои арзёбии сатҳи хатарҳои мавҷуда муҳим буда, дар навбати худ тестҳои аудитории заруриро муайян мекунанд.

Сатҳи мушкили низомҳо ба назорати умумии арзёбӣ таъсиррасон нест, балки он мунтазам иҷро мегардад. Аммо он чараёни аудитиеро муайян мекунад, ки ҳатман иҷро гардида, нишон медиҳад, ки то чӣ андоза кормандони IT барои иҷро намудани аудит заруранд. Тахмин меравад, ки барои як корманди ТИ дар тими корӣ аз ҳади зиёд сарборӣ дорад, ки ҳамаи корҳои бо низоми мазкур иртиботдоштаро ба иҷро мерасонад. Барои аудиторон дар тими корӣ, ки дар соҳаи ТИ навкоранд, одатан барои онҳо муҳимият дар он зоҳир мешавад, ки дониши хешро такмил дода, оид ба истилоҳоти истифодашаванда маълумот гиранд. Дар ин ҳолати бамаврид, таҳияи луғати техникӣ аз ҷониби МОА ҳамчун саҳми арзандае қобили қабул мебошад. Ревизияи низоми итиллоотӣ – Луғатномаи истилоҳотии WGITA барои татбиқи ҳадафи мазкур муфидбахш аст. Якчанд луғатномаҳои интернетӣ метавонанд, ки хеле муфид бошанд; нигаред ба http://www.webopedia.com или http://whatis.techtarget.com.

Он аудиторone, ки аллакай бо истилоҳоти ТИ шинос ҳастанд, ҳамчунин бояд аз луғатномае, ки дар дафтари идоракунии қарзӣ (ДИҚ) истифода мешавад, бахусус ибораҳои ихтисорӣ(намудҳои сарлавҳаҳо, идораҳои Дафтари Идоракунии қарзӣ (ДИҚ), қарзгирандаҳо, номҳои низомӣ, барномаҳои таъминотӣ, истифодакунадагони ДИҚ ва ҳоказоҳо). Муҳимият он аст, ки аз ин гуна истилоҳот бояд то баргузории мусоҳиба бархӯрдор бошанд. Луғатномаҳои муфиди Конфронси СММ оид ба тиҷорат ва рушдро (КМММТР), метавонед, ки аз сомонаҳои зерин пайдо кунед:

Фаҳмишу дарки ҷузъвиёти низоми иттиллоотии идоракунии қарзди давлатӣ (НИИКД) донишҳои ҷудонопазири чараёни маълумот ва иттиллоти муҳимро мефаҳмонад. Ҳамин гуна дар марҳилаи банақшагирӣ хеле муҳим, ки чараёни калидии қарзи давлатӣ (баҳисобгирӣ, коркард, бехатарӣ, ҳисоботдиҳӣ ва таҳил) инъикос намуд. Баъдан зарурат ба миён меояд, ки арзёбии хатарҳоро гузараронанд, то нисбатан хатарҳои шаддидиеро, ки дар иртибот бо амалиётҳои калидӣ ва чараёнҳои идоракунадаи қарзи давлатӣ, боназардошти таъсирбахшӣ ва пайдошавии эҳтимолии он ошкор соҳанд. Арзёбии хатарҳо барои муайян кардани ҳаҷми тартиботи зарурии идоракунии мутобиқати сатҳи хатарҳо мусоидат менамояд. Ҳуҷҷати пешакии МОВОА 5410, *Дастур оид банақшагирӣ ва гузаронидани аудити назорати дохилии қарзи давлатии 1,* метавонанд, ки онро мавриди баҳогузории хатарҳо ба назар гирифт. Ба истисноии ин, арзёбии хатарҳоро метавонанд, ки дар заминаи аудити молиявӣ низ гузаронанд.

Чараёни низоми иттиллотии идоакунии қарзи давлатӣ (НИИКД) аксаран ба таври ҳамешагӣ дар сатҳи ДИҚ тасдиқ мешавад. Дафтархонаҳо ва идораҳои дигар ҳамчунин оид ба воридкунии қарз масъулият доранд, масалан, агар ҳолати қарзи шартномавӣ бошад. Дар ҳолате, ки вақте, ки ДИҚ ба дафтархонаҳои кӯмакрасон, миёна, ё идораи чабаҳавӣ ва ё фронтӣ (идораи асосӣ) тақсим мешавад, ҳар як идораи асоснокшуда оид ба чараёни маълумот ва иттиллоот дорои уҳдадориҳои махсуси хеш мебошад. Идораи чабҳавӣ одатан дар самти муомилоти бозори молиявӣ, ҳамчунин идоракунии музоядавӣ (аукционӣ) ва шаклҳои дигари қарзгирӣ, ба замми ин ҳама гуна амалияётҳои молиявиро бар уҳдаи хеш дорад. Ба қавли аудиторон идораҳои бузург ва бек-офис, ин идораи кӯмакрасон маҳсуб дониста мешавад, ки аслан дар пардохти муомилоту додугирифтҳо ва бақайдгирии ҳисоботи молиявӣ масъулият дорад. Шуъбаи идоракунии хатарҳо одатан таҳлили он хатарҳоеро пайгирӣ менамояд, ки дар бастаҳои ҳуҷҷатнигорӣ ҷамъоварӣ шудаанд, хатарҳоро зери мушоҳида гирифта, самаранокии кори идоракунии қарзро тибқи дилхоҳ дурнамои ҳадафҳои қарзӣ ва нишододҳои назоратӣ арзёбӣ мекунад. Қисмати зиёди чараёни маълумотҳо дар иртибот бо қарзи давлатӣ, ки ба он ҳамчунин

маълумотҳои беруна дохил мешаванд, ки дар идораи “бэк-офис” ҷойгир шуда, оид ба қайдгирӣ ва назорати воридкунии маълумотҳои даққиқ масъулият доранд.

Аз сабаби не, ки ҳамаи кишварҳо аз низоми омодашуда истифода мебаранд, ки аз ҷониби созмонҳои байнамилалӣ таҳия ва таҷиди назар шудаанд (масалан, низоми идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ (НИҚТМ) ва ё низоми бақайдгирӣ ва идоракунии қарзи Котиботи Иттиҳод (НБИҚКИ) дар идоракунии қарзи давлатӣ, истифодабарии ҳисоботҳое, ки ба истеҳсолот тааллуқ доранд.
- масалан, дархост барои низоми хидматгузориҳо ва сабти ҳодисаҳои ногувору номатлуб  - ин хеле муҳим мебошад.
Барномаи Низоми идоракунии қарзи давлатӣ ва таҳлили молиявӣ, ки аз ҷониби КСММТР таҳия гардидааст, фаъолияти “аз боло ба поён”  такя мекунад. Ба он воридкунии маълумот ба пойгоҳи додаҳо, санҷиши маълумоту додаҳо оид ба қарз, ҳисоботи дохилӣ ва берунии қарз, омори қарзӣ ва таҳлили пойгоҳи қарзӣ, ҳамчунин таъсиси низоми алоқаҳо байни идоракунии қарзҳо ва дигар барномаҳои таъминоти моливӣ ворид мешаванд. Онҳо нисбатан намудҳои фаъолияти “аввалия”-ро замима мешаванд, ба мисли таҳлили устувории қарз, ки аз ҷониби дигар таъминкунандагон, амсоли Бонки ҷаҳонӣ илова мешаванд.  Ба истиснои ин, барнома бештар дар сатҳи кӯмакунандаи кишварҳо алоқаи байни НИҚТМ – ро барқарор намуда,  баҳри идоракунии қарзгирандагон ва дигар барномаҳои давлатӣ (маслан, барои истифодабарӣ дар таҳияи буҷет, идоракунии воситаҳои пулӣ ва идоракунии кӯмакҳо) ва ё ин ки дар доираи низоми мушкил, барои идоракунии молиявӣ, ҳамчун қисмати талошҳои устувор оид ба идоракунии молияи давлатӣ маҳсуб меёбад. Барои дастрасӣ ба маълумоти иловагӣ ба сомонаи Http://unctad.org/dmfas.  нигаред.

Замимаи низоми баҳисобгирӣ ва идоракунии қарҳзои Котиботи Иттиҳод, ба МОА имконият медиҳад, ки қарзҳои хешро аз нуктаи назари комил  ба қайд гирад, идора кунад ва таҳлил намояд. Он махзани марказиро барои  чанде аз намудҳои қарзҳои давлатию хусусии дохилӣ ва берунӣ, ҳамчунин қарзҳои кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. Низоми мазкур ҳамчунин бурсҳои бебозгашт (грант), қардиҳии ва аз нав қарздиҳиро коркард менамояд. Барои дастрасӣ ба маълумоти иловагӣ ба сомонаи  Https://thecommonwealth.org/about-cs-drms. нигаред.

Дар ҳолате, ки кишварҳо аз низоми идоракунии қарзҳо ва таҳлили молиявӣ ва ё НИҚТМ – дар идоракунии қарзи давлатӣ аз ҳисоботи аудитии низоми иттиллоотии идоракунии қарзи давлатӣ истифода мебаранд, ки аз ҷониби кишваҳои дигар (дигар МОА) иҷро шудаанд, метавонанд, ки барои ошкор кардани  норасоиҳо муфидбахш бошад, ки нисбатан хусусияти  хусусӣ дошта, бештар таъсиргузор буда ва ё ҳар ду унвурро иҷро мекунад.

Ҷадвал бо иттиллоотии зарурӣ, тартибот ва суолгузориҳое, ки бояд МОА посух диҳад, ки гуруҳи аудиторӣ тавонад, ки онро дар марҳилаи банақшагирии кори аудитории қарзи давлатӣ дар замимаи I оварда шуда, мавриди истифодаи хеш қарор диҳад.

## 1. ИДОРАКУНИИ УМУМӢ

Воситаҳои идоракунии умумӣ асоси идоракунии умумии уҳдадориҳои ТИ таъмин менамояд. Ҷузъвиёти мазкур барои ҳалли мушкилот дар ҷараёни таҳия, истифодабарӣ ва хидматгузории муҳит пешбинӣ шудааст. Вазифаҳои назорати умумии ҳифзи маъулмоту додаҳо, ҳифзи барномаҳои амалӣ ва тарҷибавӣ, таъминоти доимии кори компютер дар ҳолати вайроншавии ғайричашмдошт мебошад.

Ҳарчанде, ки низоми аудити қарзи давлатӣ санҷиши воситаҳои умумии назорати ТИ-ро талаб мекунад, дар ҳуҷҷати мазкур ба таври муфассал ин воситаҳои назоратӣ баррасӣ нашудаанд, барои он, ки Созмони байналмилалии мақомоти олии аудит ҳуҷҷатҳоеро оид ба аудити ТИ нашр кард, ки дар он оид ба воситаҳои умумии назорати ИТ ба таври густурдаву возеҳу равшан баррасӣ шудааст.

Тахмин меравад, ки гузаронидани низоми аудити гуруҳи аудиторон метавонад, ки мазмуни пешакии Созмони байналмилалии мақомоти олии аудит (СБМОА 53102) ва дастур оид ба бехатарии низоми иттиллотӣ (ДАБНИ), ҳамчунин дастур оид б асанҷиши бехатарии низоми иттиллоотии ташкилотҳои давлатиро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Ҳуҷҷати дигар, ки барои таҳияи банақшагирии назорати умумӣ муфидбахш аст, ахбороти WGITA тибқи аудити ТИ барои макотиби таҳсилоти олӣ маҳсуб меёбад, ки дар он иттиллооти асосӣ ва суолҳои калидие дарҷ шудаанд, ки барои самаранок таҳия кардани банақшагирии ТИ зарурат доранд.

Дар замимаи II матритсаи тестгузаронӣ бо чанде аз назорати умумӣ бо тавсияи тартиботи тестгузаронӣ оварда шудааст, ки барои аудитор кӯмак мерасонад, то ки идоракунии тести умумиро дар иҷро намояд.

Маҷмӯи томи дастабандии мухталифи идоракунии умумӣ дорои ҷузъвиёте мебошад, ки дар сатри зерин оварда шудааст.

**»»ИДОРАКУНИИ ТАШКИЛӢ**

Идоракунии ташкилӣ - ин сиёсатест, ки тартибот ва сохтори ташкилиро баҳри таъмини усулҳои эътимодбахши идоракунӣ, тақсими вазифаҳо ва санади бехатарии иттиллоотӣ, ҳамчунин таъмини усулҳои арзёбии самарабахш ва таъминоти оҷилии назорат ва самаранокии кор таъсис дода шудааст.

**»» ДАСТРАСӢ БА НАЗОРАТИ ҶИСМОНӢ**

Воситаҳои ҷисмонии назорат ба дастрасӣ дорои қоида ва усулҳоест, ки баҳри пешгирии дастрасии ғайриасоснок ба ТИ – хидматрасонӣ ва дахолатпазирӣ ба он, ҳамчунин ба тартиботи маъмурӣ, тартиботи ин гунае, ки ба мисли талаб кардани шаҳодатномаҳои шахсии корманд ва назорати меҳмонон, чораҷӯиҳои ҷисмонӣ, аз қабили насби қулфҳои механикӣ бо калид, дарҳои эклектронӣ бо қулфу калид, дурбинҳои назоратӣ ва ғайраҳо, маънои онро дорад, ки барои дастрасӣ ба хидматгузории ТИ ва дигар инфрасохтори бисёр муҳим маҳдудияти хоса пешбинӣ шудааст.

**»» НАЗОРАТИ МАНТИҚӢ БА ДАСТРАСӢ**

Воситаҳои мантиқии назорат ба дастрасии компютерҳои насбшуда ва компютерҳои низоми бехтариро барои пешгирии ғайриасоснок ба дастрасии ҳуҷҷатҳо ва додаҳои махфӣ ва барои таъмини оне, ки чӣ гуна ҳамаи корбарон ҳуқуқи дастрасӣ ба талаботҳои маҳдудшударо дар вобастагӣ ба дастури амалии вазифавӣ истифода мебаранд. Ин гуна ҷузъвиёти идоракунӣ дар худ деворҳои электронӣ(брандмауэры) барномаи таъминотии зидивирусӣ, ҳамчунин ошкор кардани ҳамлаҳои барномаҳои зараровари интернетӣ ва электрониро доро мебошад. Дар низоми муосир ин гуна воситаҳои идоракунӣ ба тарзҳои гуногун ва зиёда дарёфт шудаанд. Онҳо тавассути барномаҳои намафзори зарурии таъминотӣ, низоми амалиётӣ, низоми идоракунии махзани иттиллоотӣ ва пойгоҳҳои додаҳо, барномаҳои таъминотии назорат ба дастрасӣ, мониторҳои шабакавии коркарди муомилотӣ, хидматгузориҳои серверӣ, шабакаҳо, шабакаҳои ҷудогона ва, шояд дигар барномаҳои таъминотӣ роҳандозӣ мешаванд.

**»» НАЗОРАТИ ЭКОЛОГӢ ва ё муҳити зистӣ**

Назорати экологӣ - ин қоида, тарҷриба ва муҳити насбшудеест, ки барои пешгирии зарар, ки бо сабаби номунтазамии барқ, оташ, гарду ғубор, об, ғизо, ҳароратҳои баланду шаддид, намӣ ё қувваи барқи статикӣ зоҳир мешавад. Ҳарчанд, ки дар маърази таваҷҷуҳи ин гуна сохторҳои идоракунанда марказҳои коркарди маълумоту дода ҷойгир шудаанд. ( ва ё қисман ТИ-таҷҳизот, ки талаботи хоса ва муҳити бехатареро тақозо мекунад, ҳадди ақал, ҳимоя аз дуздии таҷҳизот).

**»» НАЗОРАТИ ТАҒИРОТИ БАРНОМА**

Воситаҳои идоракунии тағироти барномавӣ дар худ қоидаҳоеро дорост, ки таъминоти даққиқу том, коркарди саривақтии ҳамаи тағиротҳои шаклгирии (конфигуратсияи) низомиро коркард менамояд.

Азнавсозӣ ва тағирот бояд ҷараёни расмӣ барои таъминоти бақайдгирии ҳамаи тағиротҳо ва таъминоти имконияти бозгашт дошта бошанд, то дар ҳолати пайдошавии мушкилот дар шакли нав ва дар нусхаи ҷаддид омода бошанд.

Тасдиқи расмӣ бояд то он вақте, ки барномаҳо аз тест ба феҳрести корӣ гузаронида мешаванд, бояд талаб карда шаванд ва ҳамаи система, амалиётҳо ва ҳуҷҷатнигории стандартӣ бояд анҷом дода шаванд; то замони ҳозира; ва тибқи стандартҳо, оиннома ва тартибот.

**»» НАҚШАИ БАНАҚШАКАШӢ ВА ТИҶОРАТИ БЕФОСИЛА**

Банақшагирии тиҷорати бефосила (НТБ) ва нақшаи барқарорсозии садамавӣ (НБС) баҳри ҳалли вазифаҳои дастрас пешбинӣ шудааст. Банақшагирӣ дар ҳолати рух задани ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва барқарорсозии садамавӣ, нақшаҳои ҳаётпазир, тестгузаронӣ, мониторинг ва зарурати таҷдиди доимии нақшаҳо омилҳои вобаста ба ҳолатҳои ногуворе мебошанд.

НТБ – ин усулест, ки баҳри таъминоти роҳҳои алтернативии дастгирии ҷараёни тиҷоратҳои муҳим дар ҳолатҳои фавқуллода, садмавӣ ва дигар вайрониҳо мебошад. Таваҷҷуҳи асосӣ барои ривоҷу ҳастии тиҷорати умумӣ ва ҳамчунин ба ТИ зоҳир карда мешавад. Аммо нақшаи умумӣ бояд талаботҳои вобаста ба низоми иттиллоотӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсиониро баррасӣ кунанд. ИН бахши НТБ, як қисмати нақшаи барқарорсозии садамавӣ низ мебошад.

НТБ дар иртибот бо НБС метавонанд, ки дар як замон таҳия гардида, ҳамин гуна ҳамаи омилҳои он ҳамзамон дар як вақт баррасӣ мегарданд. Камтарин, нақш дар худ тартибот ва дастабандиеро дорост, ки он дар ҳолати зуҳури бонги хатар муайян мекунад, ки симои шахси масъул барои қабули ин гуна қарор ва чӣ гуна расман хабар додани хатар нақшаро дар амалия татбиқ намуд.

## 2. ВОСИТАҲОИ ИДОРАКУНИИ ЗАМИМАВӢ

Воситаҳои идоракунии замимавӣ ба таври автоматикӣ дар низоми иттиллоотӣ замима шудаанд, барои оне, ки таъминоти салоҳият, мукаммалӣ, саҳеҳӣ ва эътимодбахшии муомилотҳо равона шудаанд. Кулли онҳо дар барномасозиҳо замима шуда, амалиётҳои воридшавӣ, коркард ва берункунии замимаҳоро доро мебошанд. Ҳадафи онҳо таъмини мукаммал, эътимоднок ва саҳеҳии коркарди маълумоту додаҳо мебошанд.

Мисолҳои ҷузъиёти идоракунии замимаҳо дар худ санҷишҳо, иҷроиши замимаҳо дар қолаби додаҳои воридшуда, то ин, ки воридкунии маълумоту додаҳои носаҳҳеҳ, воситаҳои коркард пешгирӣ кунем, ки барои корбарон имконият намедиҳад, ки муомилоти ғайриасоснокро нашр кунанд ва ҳамчунин нагузоранд, ки ҳисоботҳо ва воситаҳои идоракунии муомилотӣ низ

мавриди чоп қарор гиранд, то ки кафолат дода шавад, ки ҳамаи муомилот ба таври мукаммал ва даққиқ ба қайд гирифта шудаанд.

Назорати замимаҳо ба ин зайл тасниф мешаванд;

»» Воридишавӣ,

»» Коркард ва

»» Берушавӣ.

## 2.1 СТАНДАРТИ ҲУҶҶАТТНИГОРӢ

Стандарти ҳуҷҷатнигорӣ кафолат медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои мутобиқ ва ҳуҷҷатҳои муосири дархостшуда дастгирӣ шавад. Таҷдиди ҳамаҷониба ва даққиқи ҳуҷҷатҳо хеле муҳим аст. Муҳимияти ҳуҷҷатнигории муносиб барои муайян кардани оне, ки чӣ гуна ҷузъвиёти идоракуниҳоро ҷо ба ҷо карданд ва ё дар ҷояшон гузошта шаванд. Ҳуҷҷати хуби дастӣ метавонад, ки хатари онро коҳиш диҳад, дар ин ҳолат корбарон наметавонанд, ки пайгири назорати тартибот бошанд, он тавре, ки роҳбарият пешбинӣ намудааст. Азназаргузаронии ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва ҳуҷҷатҳои саривақтӣ барои осонфаҳмии аудитор зарур буда, дар мавриди чӣ гуна кор кардани замимаҳо тасаввурот пайдо карда, барои муайяннокии хатарҳои даққиқи аудиторӣ кӯмак мерасонад.

»» Ҳуҷҷатнигории дастӣ; барои барномасозон дар хидматгузории техникӣ, дарки изофаҳо ва ё замимаҳо кӯмак расонда, дар ислоҳи мушкилот ва беҳтар кардани воридоти он мусоидат мекунад. Ҳуҷҷатнигорӣ дар ҳар як чораёни марҳилаи тарҳрезӣ дар қолабҳои гуногун таъсис меёбад, ба мисли блок-схема, ҷадвал, графика ва ё матн. Ҳуҷҷатнигорӣ метавонад, ки маълумотро оид ба сарчашмаи додаҳо, рамзи додаҳо, экрани воридшавӣ, санҷиши додаҳо, тартиботи бехатарӣ ва баёни баҳисобгирӣ, интерфайсҳо ва дигар замимаҳо, тартиботи назоратӣ, коркарди иштибоҳот, дастур оид ба истифодабарӣ, бойгонисупорӣ, захираи нусхабардорӣ ва тартиби нигоҳдорӣ ва барқарорсозиро дар бар мегирад. Ҳангоми тағйири барномаҳо бояд тибқи меъёри андозагирии замима аз таҷдид карда мешавад.

»» Ҳуҷҷатҳои корбарӣ: Дар худ тавсифдиҳӣ ҳам чраёни корҳои автоматӣ ва ҳам чараёни корҳои дастиро дар бар мгеирад, ки дар таълими ибтидоии барнома бо илова кардани замимаҳо ва барои доимӣ дастрас ва шинос будан бо ҳуҷҷатҳо зарур аст. Дар ҳар ду ҳолат ҳуҷҷатҳои корбарӣ бояд, ки тибқи меъёрҳои иловагӣ мавриди таҷдиди назар ва азнавсозӣ қарор гирнад.

Ҳуҷҷатнигориро бояд дар бар гирад

»» Обзори замимаҳо ва иловаҳо,

»» талаботи махсуси корбарӣ,

»» Тавсифи барномаҳо ва рӯйхатҳо,

»» Баёни муққадима/хулосабарорӣ,

»» Баёни мазмуни ҳуҷҷатҳои алоҳида ва файлҳо,

»» дастурамалҳои корбарӣ,

»» дастурамалҳои рӯи мизӣ,

»» Тавсифи назорати бехатарии иловаҳо,

»» Резюмеи (хулосаи) ниҳоии арзёбиҳои бехатарӣ,

»» Қарори ниҳоии оид ба амният ва амали тавсияшаванда, ва

»» Мақоми амалҳои тавсияшаванда.

## 3.2. ҶУЗЪВИЁТИ ИДОРАИ ВОРИДКУНӢ

Ҷузъвиётн идораи воридкунӣ дар ҳолати фавқулодда барои коҳиш додани хатарҳо ва ҳолатҳои қаллобӣ марбут ба замимаҳои компютерӣ хеле муҳим аст. Назорат барои воридкунӣ мазмуни ҳаётан муҳим барои мукаммалии маълумоту додаҳо маҳсуб меёбад.

Воситаҳои идораи воридкунӣ кӯмаки ҷиддиест, ки дар додани кафолатҳо барои автоматикунонӣ, даққиқӣ, мукаммалӣ, маълумоту додаҳои саривақтие, ки дар замимаҳо ворид карда шудаанд, нақши назаррасе дорад. Авторизатсия аз ҳисоби дубора мувофиқашавии муомилоти болоии муаяйншудаи ниҳоӣ зарурат ба вуҷуд меомад. Даққиқназарӣ аз ҳисоби таҳрири санҷишҳое, ки тавассути маълумоту додаҳои воридшуда то қабули муомилоти коркардшуда таъмин мегардад.

Мукаммалӣ тавассути коркарди иштибоҳот таъмин мегардад, ки ин бо қайди дафтардорӣ, ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ иртибот дошта, ислоҳи саҳву хатоҳоро таъмин менамояд. Саривақтӣ аз ҳисоби мушоҳидаҳои ҷараёни муомилот, бақайдгирӣ ва ҳисоботи хулосашуда таъмин мегардад.

Ҷузъвиётн идораи воридкунӣ метавонад, дар

»» Экранҳои воридкунии маълумоту додаҳо,

»» Тартиботи омодакунии муълумоту додаҳо,

»» Авторизатсияи воридкунии маълумоту додаҳо,

»» Нигаҳдошти ҳуҷҷатҳо,

»» Тасдиқи воридкунии маълумоту додаҳо,

»» Тартиби саҳву хатоҳо дар ҳолати воридкунии маълумоту додаҳо, ва

»» Дастгирии механизми (фишангҳо) воридкунии маълумоту додаҳо.

Ҷузъвиётн идоракунӣ, ки дар боло баён шудааст, метавон аз он гузашт кард, агар онҳоро имкони гузашт кардан бошад, дар ҷараёни воридкунӣ ва замимасозӣ маълумоту додаҳоро дар дохили он тағир медиҳанд. Бояд аз хидматгузории замимаи санҷиши мукаммали автоматикӣ гузаранд, зеро он кулли саҳву хатоҳоро ошкор карда, оид ба дилхоҳ тағироти воридшуда хабар медиҳад. Масалан, бояд санҷиш барои ошкорсозӣ ва паёмрасонӣ оид ба муомилоти тағирёфта насб шавад, то ки оид ба воридкунии муомилотии махзани додаҳо паём расонад.

**»» ЭКРАНҲОИ ВОРИДКУНИИ МАЪЛУМОТУ ДОДАҲО**

Экранҳои стандартизатсияшудаи воридкунии маълумоту додаҳо метавонанд, ки воридкунии маълумоту додаҳои минбаъдаро мунтазам таъмин намоянд.

НИИКД дар ин ҳолат вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

››› Экранҳои воридкунии сохташудаи дар шаклҳо ва нишонаҳои стандартизатсияшуда;

››› Сатри воридкунии маъулумоту додаҳое, ки аз ҷониби корбарон бо истифода аз маҳдудият иҷозати ворид карданро доранд;

››› воридкунии ҳатмии барои муайянкардани майдони электронӣ; ва

››› Маълумоти функтсионалӣ (масалан, F1), барои он аст, ки то корбарон ҷойгоҳи сатри электрониро ба маълумоту додаҳоро пур кунанд.

**››› ОМОДАСОЗИИ МАЪЛУМОТУ ДОДАҲО**

Ҳадафи тартиботи омодасозии маълумоту додаҳо – дурӣ ҷӯстан аз ҳолати вайроншавии техникӣ дар ҷараёни воридсозии маълумоту додаҳо.

НИИКД метавонад, ки дар худ фазои сохтаеро насб кунад, ки барои тартиботи табодули маълумоту додаҳо бошад, то баҳри интиқоли он ба замимаҳои дигар имконият фароҳам орад.

**››› АВТОРИЗАТСИЯИ ВОРИДКУНИИ МАЪЛУМОТУ ДОДАҲО**

Ҳадафи авторизатсияи воридкунии маълумоту додаҳо таъминоте мебошад, ки то ҳамаи воридкунии маълумоту додаҳо сабт гардида, тавассути шахси мувофиқашуда авторизатсия шавад. НИИКД дар ин ҳолат вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

››› Калидвожаи дастрасӣ зарур аст;

››› Ба қайдгирии дастии воридкунии маълумоту додаҳо ва дастрасӣ ба он; ва

››› Талаб кардан дар ду нусха ризоятномаҳое, ки барои чанде аз амалиётҳои ҳассос равона карда мешавад.(масалан, фаъолкунии шартномаҳо, тағир додани меъёрҳои фоизӣ ва тағир ёфтани арзиши қарорбасту шартномаҳо).

**››› НИГАҲДОШТИ ҲУҶҶАТҲОИ ВОРИДШУДА**

Ин андозагирии воситаҳои идоракунии воридоти маълумоту додаҳо марбут ба воридкунии назорати аслии ҳуҷҷатҳо буда, сабти маълумоту додаҳо оид ба қарзро нигаҳ медорад. Дар ҳолати интиқоли автоматии ҳуҷҷатҳо (файлҳо) байни ҳуҷҷатҳои замимавии НИИКД мебояд маълумоти қаблие, ки тавассути дигар замимаҳо ворид шудаанд, дар марҳилаи супориши Дафтари идоракунии қарзӣ ҳифзу нигаҳдошт шаванд.

**››› САНҶИШИ ВОРИДКУНИИ МАЪЛУМОТУ ДОДАҲО**

Воситаҳои санҷиши эътимодноки маълумоту додаҳо барои таъмини он ҳолатҳое пешбинӣ шудаанд, ки маълумоту додаҳои воришуда бояд эътимодноку даққиқ бошанд.

НИИКД уҳдадориҳои зеринро дар бар мегирад:

››› Назорати автоматии рӯйхатҳое, ки мазмуну мендарича надоранд. (масалан, ҳангоми сарборӣ).

»» Силсилаи индексҳои таърихӣ, НИИКД маҷуд набудани рӯзона, моҳона ва солонаро мавриди санҷиш қарор медиҳад.

»» Ҳамаи экранҳои маълумоту додаҳои воридотӣ ба тарви даққиқ сатрҳои ҳатмиро ишора карда, ва дар ҳамаи замимаҳо тасдиқи амалиётҳоро низ иҷозат медиҳад, ба шарте ки ҳамаи сатрҳои зарурӣ ворид карда шаванд.

»» Ҳар як ҷадвали махзани маълумоту додаҳо бояд вобаста ба қоидаҳои муайяни сатрпуркунӣ риоя карда шавад, зеро сабти маълумоти такрорӣ дар он қабул намегардад.

»» Агар бар замима маълумоту додаҳои такрорӣ ворид кунанд, пас замима то он даме, ки ин гуна маълумоту додаҳоро сабт намекунад, то оне, ки себтҳои тарорӣ бартараф нашаванд.

»» Замимаҳо имконияти тағир додани баъзе аз додаҳоро пас аз воридкуниро надорад, (масалан, мубодилаи асъор дар вақти амалиётӣ). Ҳарчт, ки марбут ба дигар маълумоту додаҳо мебошад, замима метавоанд, ки онро тағир диҳад, ба шарте, ки имконияти иҷроиши он бошад (мисол, вақте, ки шартнома дар ҳолати масдуд (блокӣ) ва ё «басташуда» царор дошта бошад, пас маълумоту додаҳоро тағир нахоҳад дод).

»» Баъзе аз сатрҳо, агар пур карда шаванд, пас талаб мекунад, ки сатрҳои навбатиро пур кунанд (мисол, агар корбар пардохтро тибқи уҳдадории шартнома ворид кунад, ҳамчунин корбар вазифадор аст, ки андоз аз уҳдадории хешро низ ворид кунад).

»» Сатри «сана» барои назорати умумии шартномаи қарзӣ зарур аст. Онҳо бахусус дар мавриди тамдид кардани марҳилаи пардохтӣ манифатбахш буда, барои худдорӣ аз таъхири пардохткунӣ, ҳисобкунии ҷарима ва ғайраҳо имконияти хуберо фароҳам меорад. Ҳамин тавр, замима бояд қоидаҳои асосии сабти санаҳоро дошта бошад.

»» Ба истиснои амалиётҳои қолабӣ, низоми замимасозӣ имконият намедиҳад, ки қайдҳоро барои санаҳои оянда сабт кунанд, масалан, пардохтҳо ва ё радкунии пардохтҳо ва ё шартномаҳоро, ҳамчунин илова кардани шартномаҳоро қабул намекунад.

## »» ИШТИБОҲОТИ ВОРИДКУНИИ МАЪЛУМОТУ ДОДАҲО

Дафтари аудит – ин сабти хронологӣ (пайдарҳамии тибқи вақт), марбут ба бехатарӣ, маҷмӯи сабтҳо ва макони таъиншуда ва ё сарчашмаҳои сабтӣ, ки тасдиқоти амалиётҳои ҳуҷҷатӣ ва санадии пайдарҳамиест, ки дар дилхоҳ вақт ҳамчун тасдиқи ҳуҷҷатӣ пешниҳод ва ё муаррифӣ шуда, он ба амалиёти даққиқ, тартибот ва ё воқеаҳо таъсири мусбӣ мегузорад. Ба дафтари аудит ва ҳуҷҷатҳои (файлҳои) марбут ба он бояд танҳо кормандони мувофиқшуда дастрасӣ дошта бошанд.

НИИКД вазифаҳои зайлро дар бар мегирад:

»» Дафтари идоракунии қарзӣ бояд барои файлҳои муваққатӣ масъулиятро муайян кунад;

»» Дар замима бояд барномаҳои қайди иштибоҳу хатоҳо, паёмҳо оид ба саҳву хатоҳои кушода ва ислоҳи сабти иштибоҳот насб шуда бошанд;

»» Дар ҷараёни сарбории автоматикии маълумоту додаҳо, вақте ки замима фосилаҳои силсиладорро ошкор мекунад, пас мактубҳои автоматикии электронӣ ба корбарони мувофиқшуда барои санҷиши пайдарҳамӣ ирсол мегардад; ва

»» Замимаҳо бояд ҳисоботи марҳилавиро оид ба саҳву хатоҳои ислоҳнашуда, - ҳамчунин чӣ гуна ва чӣ андоза ва то кадом вақт саҳву хатоҳо ва иштибоҳот ислоҳ нашудаанд, ҳамчунин афзалиятҳои он ва кормандони мувофиқашуда нишон диҳанд.

**»» МЕХАНИЗМҲОИ (ФИШАНГҲОИ) ДАСТГИРИИ ВОРИДКУНИИ МАЪЛУМОТУ ДОДАҲО**

Ин гуна чуъвиёти идоракунӣ, ки бо тартиботи дастгирӣ дар Дафтари идоракунии қарзӣ иртибот дорад, барои корбарон кӯмаки бевоситае баҳри воридкунии маъулмоту додаҳо маҳсуб меёбад, ки ба замимаҳои компютерӣ ба таври такрорӣ афзалият дода, пайгирии амалҳои корбаронро баҳри дурӣ ҷӯстан аз имкониятҳои радкунӣ аз қоидаҳои тасдиқшуда равона месозад.

Ин гуна равиши фишангҳои корӣ одатан ба назорати умумӣ дохил карда мешавад.

## ИДОРАКУНИИ КОРКАРД

Воситаҳои идоракунии коркард даққиқназарӣ, мукаммалӣ ва саривақтии маълумоту додаҳо ба шумор рафта, ҳолати коркарди бастаи ҳуҷҷатҳо ва коркарди оҷилии он таъмин карда мешавад. Ин гуна ҷузъвиёти идоракунӣ баҳри кафолатдиҳӣ кӯмак мераоснад, ки то маълумоту додаҳо ба таври дақиқ дар замимаҳо коркард мешаванд, ки ягон намуд маълумотҳову додаҳо илова намешаванд, нобуд намешаванд ва дар ҳолати коркард тағир намеёбанд.

**»» МУКАММАЛӢ**

Мукаммалӣ метавонад, ки тавассути коркарди бастаҳои ҳуҷҷатҳо таъмин намуда, тариқи тавозуни муомилотӣ ва система бо муомилот қабул гардидааст, аз ҷониби низоми кӯмакрасонӣ ирсол шудааст.

Тавозун бояд байни замимаҳо иҷро гардидад, ки дар он маълумоту додаҳоро ба тарви муштарак истифода баранд, тариқи омода кардани ҳисоботи муқоисавӣ, ки дар он маълумоту додаҳо аз ҳар ду замимаҳо ва ҳисобот дар бораи дилхоҳ гуруҳи корбарон интиқол шудааст.

Дар ҳуҷҷатҳое, ( файлҳо) ки натиҷаҳои муҳим чашмрас нестанд, метавонанд, ки натиҷаҳои муҳимро дар қолаби “хеш-функтсия” таъсис диҳанд ва кулли рақамҳоро дар сутуне ворид кунанд, то боварии комил ҳосил кунанд, ки натиҷаи мазкурро тавассути чараёни тасдиқшуда қабул кардаанд. Масалан, ҷамъбандии рақамбандии шартномаҳои қарзӣ ҳеҷ маъное надорад, аммо ин ҷамъбандии маблағҳоро барои санҷиш зарурат дорад, ки оё ҳамаи рақамҳои шартномаҳои қарзӣ саҳеҳу дуруст истифода шудаанд ва оё ҳамаи онҳоро беиштибоҳ барои коркард истифода бурданд, ин хеле муҳим аст.

